Қиссаҳои

Ҳасани кал

1

Ш тоу 2
Ф-15

Хусейн Фаттоҳӣ



# Ҳасани кал ва деви танбал





**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

*Дар замонҳои қадим зани ҷавоне буд ба номи Руқияхонум. Е дар дил орзу мекард, ки писаре дошта бошад ва ниҳоят Худованд ба Руқияхонум писаре дод. Писари хеле зебо, аммо сараш мисли пӯсти харбуза софу ҳамвор буд, тамоман мӯй надошт.*



*Руқияхонум номи писарашро Ҳасан гузошт. То дусолагӣ Ҳасан рӯзҳо мехобид ва шабҳо мудом гиря мекард. Ҳамсояҳо, ки аз овози Ҳасан ба танг омада буданд, ба дари хонаи Руқияхонум меомаданду гилаву шикоят мекарданд.*

1196





*Руқияхонум мегуфт: “Чӣ кор кунам? Бача аст, охир... шояд хумори падараш мегирад”. Муддатҳо боз, падари Ҳасан ба сафар рафта, барнагашта буд.*

*Вақте Ҳасан дусола шуд, бештар дар лаби айвон ё рӯи девори ҳавз гаштанро дӯст медошт. Ҳоло Ҳасан барои худ машғулияти хубе пайдо карда буд ва дигар гиря намекард. Зани бечора дар як нафас бачаашро гум мекард.*





*– Вой, Ҳасан нест!*
*Фикр мекунед, Ҳасан куҷо буд? Бале, болои девори қалъа!*
*– Ин бачаи хурд дар он боло чӣ кор мекунад?*
*– Ба ин баландӣ чӣ хел баромадӣ?*
*– Хоҳарҷон, бачаатро нигаҳ дор. Худо накарда афтад, дасту пояшро мешиканад.*
*– Вақте афтоду пояш шикаст, дигар намебарояд.*





Баъд аз чанд муддат Ҳасан машғулияти дигар пайдо карда буд. Ҳамеша ба суроғи гунҷишкҳову фохтакҳо ва ҳатто лаклакҳо болои дарахтон мебаромад. Кораш вайрон кардани лонаву шикастани тухмҳову куштани чӯҷаҳо шуда буд. Ғайр аз парандаҳо бачаҳои ҳамсояро ҳам ғам медод.

– Бачаҳо гурезед, Ҳасани кал омад!

Ҳасан калимаи калро, ки шунид, истоду даст ба сараш кашид. Бачаҳо диданд, ки Ҳасан дигар аз пасашон намедавад, далертар шуданд.





– *Дидед? Кал гуфтам, тарсиду истод!*

– *Хайрият, халос шудем!*

– *Бирав, Ҳасани кал!*

– *Бачаҳо! Гурехт!*

– *Кал,..кал, калоча!*

– *Равгани калапоча!*



*Аз он рӯз эътиборан Ҳасан дигар ба берун нарафт, чунки метарсид, ки масхарааш мекунанд. Рӯзи дигар модар Ҳасанро маҷбур кард, ки аз хонаи ҳамсоя оташ оварад.*

*– Ман ба берун намеравам!*

*– Метарсӣ, ки саратро офтоб мезанад?*

*– Не... аз гапи бачаҳо хиҷолат мекашам.*

*Аммо Ҳасан аз дар нарафту аз болои девор парид. Ҳангоми бозгашт, вақте мехост аз девор ба хонаашон гузарад, ногаҳон қурраи оташ аз дасташ афтоду анбори ҳезум оташ гирифт.*



*Модараш хабардор шуда, фиғонаш ба осмон печид:*

– *Вой, зиндагиам оташ гирифт! Вой, хонаам сӯхт!*

*Ҳамсояҳо расида омаданд. Ҳама кӯмак карданд ва оташ хомӯш шуд. Акнун Ҳасан тамоми рӯз дар хона менишаст ва аслан пояшро аз дарвоза берун намегузошт. Дар ҳуҷраи худ мехӯрду хоб мерафт. Баъзан ҳатто хобида ғизо мехӯрд!*

– *Бихез, сари дастархон бишин.*

– *Ҳол надорам, хастаам.*



Руқияхонум дид, ки Ҳасан сахт танбал шуда, тан ба ҳеҷ коре намедиҳад, ба фикр фурӯ рафт. Мехост ба ҳар роҳе ӯро аз танбалӣ раҳо кунад. Баъд рафта миқдоре ҳезум оварду гуфт:

– Шикастани ҳезум имсол кори ту! Агар ҳезумро нашиканӣ, аз ғизо хабаре нест!

Ҳасан фикр карду фикр кард, баъд табарро ба сари чӯби баланде бибаст ва бо чӯбу ресмон дастгоҳе сохт, ки худаш ҳезумро мешикаст. Минбаъд Ҳасан даруни ҳуҷрааш менишасту ресмонро мекашид ва дастгоҳ ҳезумро майда мекард.





*– Тақ! Тарақ! Турук!*
*Руқияхонум, ки ҳамаи ин корҳоро ба зери чашмаш мепоид, ба худ гуфт:*
*– Танбалиро бубин, ки ин бачаро ба куҷо кашондааст!*



*Як рӯз чӯби баланд канда шуд ва ба тирезаи хонаи Ҳасан зад. Шишаҳо шикастанд ва девори хона вайрон шуда, фарёди Ҳасан ҳам ба осмон печид.*

*Ба овози Ҳасан пиразани ҳамсоя омаду аз он тарафи девор нигоҳ кард ва тирезаҳои шикаставу пои захмии Ҳасанро дида, пурсид:*

*— Чӣ шуд, ҳамсоя? Заминларза шуд? Ин чӯбу ресмон барои чӣ аст?*





*Руқияхонум гуфт:*

*– Аз дасти ин бача хаста шудам. Намедонам, чӣ хоке ба сарам бирезам. Даст ба сиёҳу сафед намезанад. Маҷбураш кардам ҳезум шиканад, ин балоро ба сарам овард!*

*Пиразан каме сокит монд, баъд гуфт:*

*– Медонӣ, хоҳар, ӯ асири деви танбале шудааст.*

*– Ғусса нахӯр, аз қадим гуфтаанд, ки калҳо хушиқболанд. Бигзор, аз паи коре биравад, ҳамааш хуб мешавад.*

*Сипас пиразан нақшаи хубе кашиду ёдаш дод.*

*Субҳ Руқияхонум субҳонаи Ҳасанро дар рӯи ҳавлӣ, зери соя дарахт гузошт.*

*– Модарҷон... гуруснаам! Ман он ҷо намеравам... ба хона биёр.*

*– Гурусна, ки мондӣ, меравӣ мехӯрӣ!*

*Ҳасан аз ночорӣ оҳиста-оҳиста ба ҳавлӣ баромад, то субҳонаашро аз зери дарахт бардорад, аммо гурба нисфашро хӯрда буд!*



*Руқияхонум ин дафъа ғизои Ҳасанро дар кӯча гузошт. Ҳар қадар Ҳасан гиряву зорӣ кард, фоида надошт. Вақте мехост наҳорашро аз кӯча бигирад ва ҳамин, ки пояшро аз дарвоза берун гузошт, Руқияхонум дарро баст. Ҳасан чанд бор бо мушт дарро кӯфт, баъд бо лагад зад, аммо дар маҳкам буд. Модарашро фарёд кард:*

*– Модарҷон, дарро боз кун, ман метарсам!*

*Модараш, ки пушти дар истода буд, гуфт:*




*– То наравӣ ва кор ёд нагирӣ, роҳат намедиҳам.*

*Ҳасан хост аз болои девор биравад, аммо нав дасташро ба лаби девор гузошта буд, ки модараш бо чӯб ба дасташ зада, ба пойин афтонд.*

*– Воҳ, дастам!*





*Ҳасан омаду дубора пушти дар нишаст. Модараш аз он тарафи девор гуфт:*

*– Ҳасан, то наравӣ коре ёд бигирӣ ва деви танбалро аз танат берун накунӣ, роҳат намедиҳам.*

*Ҳасан дид, ки чорае надорад, аз ҷояш хесту ба роҳ даромад.*



# Ҳасани кал ва деви танбал

Ба ривояти Ҳусейн Фаттоҳӣ
Рассом Ҳомун
Муҳаррир Салими Зарафшонфар
Таррох Фирӯз Аскаров

ISBN 978-99947-813-5-5

9 789994 781355

Ба чопаш 5.12.2011с. имзо шуд.
Андозаи 70x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 2. Чопи офсет.
Қоғази офсетӣ. Адади нашр 1000 нусха
Дар ЧДММ "Орбита" чоп шудаст

Муассисаи нашриявии "Рушан", ш. Душанбе, кӯчаи Н. Махсум, 72
Тел.: 236-39-31, 93-440-13-34. E-mail: rushan75@mail.ru

"РУШАН"